**СУРАТМАҶЛИСИ № 104**
**Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18**

09 декабри 2025 ш. Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои Шуро 15 нафар

**Раиси шуро: Азиззода У.А.**

Дар ҷаласаи имрӯза аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумурии Тоҷикистон, аз 7 январи соли 2022, №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардида, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки ҷаласа кушода эълон гардад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**1. Дар бораи ташкили комиссияи экспертӣ:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат.

Аъзои шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои баррасии диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло комиссияи экспертӣ дар ҳайати докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода А.Ғ., Назаров А.Қ. ва Миралкзода И.Қ. ташкил карда шавад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Зарифзода Шоҳрух Иззатулло дар мавзуи «Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун унсури марказии низоми ҳуқуқӣ: таҳқиқи назариявӣ-ҳуқуқӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:

- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Холиқзода А.Ғ.;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Назаров А.Қ.;
- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Мирализода И.Қ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 15 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Қарор **якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.